**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот ба он асоснок карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини истиқлолияти давлатӣ робитаҳои васеъ ва гуногунсамтро дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ монда, чунин ҳолат ба рушди муносибатҳои тиҷоратӣ мусоидат кард, ки ба ташрифи шахсони воқеӣ ва ташкилу фаъолиятҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ замина гузошт. Дар пасманзари ташаккул ва рушди соҳаҳои гуногуни қонунгузории миллӣ дар радифи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тибқи муқаррароти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ гардидааст, муайян намудани вазъи воқеии қонунгузории миллӣ дар таносуб бо раванди инкишофи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва мусоидат ба таъсис додан ва ворид шудан ба ҳамгироиҳои нави иқтисодӣ бо мақсади таъсиси бозори ягона, ҳаракати озодонаи одамон, таҳвили озоди мол, кор ва хизматрасониро ҳамчун механизми меъёрҳои коллизионӣ дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ арзёбӣ намудан имконпазир аст.

Мусаллам аст, ки қонунгузории кишвар тамоми масоили ҳуқуқии муносибатҳои бавуҷудомадаро бевосита фаро гирифта наметавонад, аз ин рӯ ба татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ мусоидат мекунад. Ҳолати мазкур мавҷудияти низоми мустаҳками ҳуқуқии меъёриро дар кишвар тақозо менамояд. Дар ин ҷо, асоси танзимкунандаи чунин муносибатҳо бевосита меъёрҳои ба истилоҳ

“коллизионӣ” ба шумор меравад. Вале, татбиқи меъёри коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ бо се ҳолат – вазъи ҳуқуқии субъект, объект ва факти ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, такмил ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши амали меъёрҳои танзимкунандаи чунин муносибатҳо ба манфиати кишвар ва шахсони воқеию ҳуқуқии он мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардидани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 24 декабри соли 2022, ки фасли 8-и он бевосита ба масоили ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дахл дорад, мақом ва нақши меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ боз ҳам афзуд ва мазмуну моҳияти онҳоро дар сатҳи сифатан нав ба вуҷуд овард.

Қобили зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз мазмун ва моҳияти меъёрҳои коллизионӣ ҳамчун навъи мушаххаси меъёрҳои ҳуқуқӣ ва масоили амали онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор дода нашудааст, ки баррасии ҳамаҷонибаи мавзӯи мазкур ба пешрафти назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаб хоҳад гашт.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Исматзода Исматулло Бобохуҷа соли 2014 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, ки онро соли 2019 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба ҳол фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии унвонҷӯ аз муқаддима, 3 боб 9 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи

таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Мафҳум, таснифот ва хусусиятҳои амали меъёрҳои коллизионӣ»** бахши муҳими кор буда, муаллиф дар он масъалаҳои мафҳуму моҳият ва таснифоти меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, хусусиятҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, инчунин инкишофи меъёрҳои коллизионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври пурра омӯхта шуда, асосҳои ҳуқуқии онҳо муайян гардидааст. Зикр карда шудааст, ки доир ба муайян ва асоснок намудани масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ маҳз таҳлилу баррасӣ намудани асосҳои заминавии болозикр муҳим ва аввалиндараҷа ба шумор меравад. Ҳамчунин, ишора шудааст, ки яке аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ ба шумор меравад, ки он бо вазъи ҳуқуқии субъект, объект ва факти ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Боби дуюми диссертатсия ба унвони **«Проблемаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шуда, масъалаҳои мубраму меҳварии мавзуи таҳқиқотро фаро мегирад. Дар ин боб муаллиф дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки меъёрҳои коллизионӣ ҳамчун воситаи муайян намудани қонуни татбиқшаванда дар муносибатҳои хусусии дорои хусусияти байналмилалӣ нақши калидӣ доранд. Таҳлили масъалаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ашёӣ, муносибатҳои меросӣ, муносибатҳои шартномавӣ ва дар танзими ӯҳдадориҳои ғайришартномавӣ бо унсури хориҷӣ асоси танзими ин бобро ташкил додааст.

Муаллиф таъкид месозад, ки дар ҳамаи ин намудҳои муносибатҳо масъалаи асосӣ муайян намудани қонуни татбиқшаванда мебошад, ки он вобаста ба ҷойгиршавии молу мулк, иродаи тарафҳо, шаҳрвандӣ, ҷойи

истиқомат ё ҷойи содиршавии амал ё оқибати ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Бо вуҷуди ин, номукаммалии баъзе меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва мавҷудияти ихтилофоти ҳуқуқӣ боис мегардад, ки татбиқи онҳо дар амал мушкил гардад. Меъёрҳои коллизионӣ дар муносибатҳои ашёӣ бештар ба принсипи ҷойгиршавии ашё асос меёбад, дар муносибатҳои меросӣ ба қонуни давлати шаҳрвандӣ ё ҷойи истиқомати меросгузор, дар муносибатҳои шартномавӣ ба принсипи озодии иродаи тарафҳо ва дар уҳдадориҳои ғайришартномавӣ ба қонуни ҷойи расонидани зарар ё ба амал омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Дар маҷмӯъ, ин қисмати таҳқиқоти муаллиф муносибатҳоеро фаро мегирад, ки дар онҳо унсури хориҷӣ ба таври мустақим ба пайдоиш, тағйир ё қатъ гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ таъсир мерасонад. Муаллиф дар шакли ҷамъбастӣ ба хулоса меояд, ки барои баланд бардоштани самаранокии татбиқи меъёрҳои коллизионӣ зарурати такмили қонунгузорӣ, ҳамоҳангсозии он бо меъёрҳои байналмилалӣ ва таҳияи механизмҳои ягонаи асосҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ - **«Проблемаҳои амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»** унвон дорад. Дар ин бахш ҷанбаҳои калидии амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ ва амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ ба таври муфассал таҳлил карда мешаванд. Зикр гардидааст, ки унсури хориҷӣ дар муносибатҳои оилавӣ бо чунин тарз ифода ёфта метавонад: шаҳрвандии хориҷӣ доштани ҳадди аққал яке аз иштирокчиёни он; мавҷуд набудани шаҳрвандии ҳатто яке аз иштирокчиён; дар хориҷи кишвар зиндагӣ кардани иштирокчиёни чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ; ҷойгир шудани объекти ҳуқуқ дар хориҷи кишвар (масалан, ҷойгир будани амволи - ғайриманқул дар хориҷа, ки он ба ҳамсарон тааллуқ дорад); локализатсияи факти ҳуқуқӣ дар хориҷа (масалан, бастани ақди никоҳ дар хориҷи кишвар).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Исматзода Исматулло Бобохуҷа дар мавзуи «Масоили амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент ректори Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Раҷабзода М.Н.

Имзои Раҷабзода М.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДОТ дар н. Рашт Шодизода Н.М.
«20» 01 2026 с.

**Суроға:** 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кучаи Э. Муҳиддин 63,
E-mail: dot.rahst@ mail.ru, Тел: (8) 313121,
Факс: (8) 313112103, Сомонаи расмӣ: www.dotr.tj